Ба Шурои диссертатсионии 6D.КОА - 017-и назди Институти иктисодиёт ва демографияи Академияи миллии илмхои Тоҷикистон (734024, ш. Душанбе, кӯчаи С. Айнӣ 44)

# ТАҚРИЗ

**ба автореферати диссертатсияи Махкамова Чамангул Абдугафоровна дар мавзӯи «Мукаммалгардонии методхои ташкили истифодаи оқилонаи захираҳои истеҳсолӣ (дар мисоли корхонаҳои кишоварзии вилояти Хатлон)» барои дарёфти дараҷаи илмии номзади илмҳои иқтисодӣ аз рӯи ихтисоси 08.00.06 – Иқтисодиёт ва идоракунӣ тибқи самтҳои фаъолият (08.00.06.04 - Ташкил ва идоракунии корхонаҳо, низомҳо ва комплексҳо)**

Дар шароити муносибатҳои бозории рушдёбанда таъмини рушди устувори соҳаҳои кишоварзӣ ва истеҳсолоти кишоварзӣ бо баланд бардоштани сатҳи истифодаи оқилонаи захираҳои истеҳсолӣ робитаи зич доранд. Бинобар ин, дар замони муосир ҳалли муаммои ташкили истифодаи оқилонаи захираҳои истеҳсолӣ аҳамияти аввалиндараҷа пайдо кардааст. Аз ин рӯ, дар диссертатсия масъалаи ташкили истифодаи оқилонаи захираҳои истеҳсолии корхонаҳои кишоварзӣ мавриди таҳқиқ қарор дода шудааст.

Аз мазмуни автореферат маълум мешавад, ки дар диссертатсия пеш аз ҳама доир ба моҳияти захираҳои истеҳсолӣ ҳамчун раванди якҷояшавии муайяни унсурҳои истеҳсолот, ки бевосита ё бавосита дар ҷараёни истеҳсолот иштирок мекунанд, дар ҳолати маҳдуди сифатӣ ва миқдорӣ қарор дошта, барои истеҳсоли неъматҳои моддӣ ва ғайримоддӣ зарур мебошанд, муқарраротҳои муаллифӣ бароварда шудааст.

Таснифу гурӯҳбандии муаллифии захираҳои истеҳсолии корхонаҳои кишоварзӣ дар асоси нишонаҳои умумӣ ва қонунияти алоқаҳои миёни онҳо (алоқаҳои сабабӣ-натиҷавӣ), ки шарти муҳимтарин барои ҷорӣ намудани методҳои илман асоснокгардидашудаи истифодаи оқилонаи захираҳои истеҳсолӣ маҳсуб меёбанд, бароварда шудааст.

Мафҳуми «ташкили истифодаи оқилонаи захираҳои истеҳсолӣ» ҳамчун маҷмуи муносибатҳои иқтисодиву ташкилӣ ва идоракунии оқилона (ҳамчун раванди дарккардашуда), ташаккули сохтори захираҳои истеҳсолӣ ва мувофиқати хирадмандонаи онҳо, ки тавассути баъзе қоидаҳои додашуда ва ҳадафи корхона муқаррарсозии афзалиятро қонеъ мегардонад, муайян карда шудааст.

Ба ақидаи муаллиф, таҳти ташкили истифодаи оқилонаи захираҳои истеҳсолӣ иҷрои муназзами низоми чораҳо фаҳмида мешавад, ки вазифааш аз ҳамҷоякунии муносиби миқдорию сифатии захираҳои истеҳсолии илман асоснокгардидашуда дар раванди ягонаи истеҳсолӣ бо мақсади таъмин ва амалигардонии ҳадафҳои корхона иборат мебошад.

Муаллиф қайд кардааст, ки ҷиҳати ташкили истифодаи оқилонаи захираҳои истеҳсолии корхона зарурати омӯзиши доираи васеи шароит ва омилҳои байни ҳам алоқаманд ба миён меоянд. Бинобар ин, гурӯҳбандии омилҳо ва шароитро ба анҷом расонидааст, ки дар асоси он ба таври дақиқ

…исиихои методологии мачмуавии ташкили истифодаи оқилонаи захираҳо муайян карда мешаванд.

Ҳамчунин роҳҳои асосии мукаммалгардонии механизмҳои идоракунии истифодаи оқилонаи захираҳои истеҳсолии корхонаҳо, пеш аз ҳама зарурати таъсиси низоми махсуси мачмуавии ташкили истифодаи оқилонаи захираҳои истеҳсолӣ дар шакли Иттиҳодияҳои хочагиҳои деҳқонӣ (фермерӣ), принсипҳои асосӣ, марҳилаҳои ташкилӣ ва сохтору чорисозиҳои он асоснок карда шудааст.

Бояд қайд кард, ки муаллиф дар таҳқиқоти диссертатсионӣ аз ӯҳдаи мукаммалгардонии методҳои ташкили истифодаи оқилонаи захираҳои истеҳсолии корхонаҳои кишоварзӣ баромадааст. Дар баробари ин, дар автореферат баъзе норасоиҳо низ чой дорания, ба монанди:

1. Дар қисмати «Дарачаи эътимоднокии натичаҳо» аз тарафи муаллиф оид ба эътимоднокии онҳо тавсияҳои мушаххастар пешниҳод нагардидааст.

2. Беҳтар мешуд, агар муаллиф дар автореферати диссертатсия ақидаҳои шахсии худро оиди роҳҳои мукаммалгардонии методҳои ташкили истифодаи оқилонаи захираҳои истеҳсолии корхонаҳои кишоварзӣ мушаххастар баён менамуд.

Норасоиҳои дар боло зикргардида хусусияти тавсиявӣ дошта, ба баҳои умумии кори илмӣ таъсири манфӣ намерасонанд. Аз ин рӯ, чунин мешуморам, ки автореферати диссертатсияи Маҳкамова Чамангул Абдугафоровна дар мавзӯи «Мукаммалгардонии методҳои ташкили истифодаи оқилонаи захираҳои истеҳсолӣ (дар мисоли корхонаҳои кишоварзии вилояти Хатлон)» ба талаботи бандҳои 31-35-и Тартиби додани дарачаҳои илмӣ, ки бо қарори Ҳукумати Чумҳурии Точикистон аз 30 июни соли 2021 таҳти № 267 тасдиқ шудааст, чавобгӯ буда, муаллифи он сазовори дарёфти дарачаи илмии номзади илмҳои иқтисодӣ аз рӯи ихтисоси 08.00.06 - Иқтисодиёт ва идоракунӣ тибқи самтҳои фаъолият (08.00.06.04 - Ташкил ва идоракунии корхонаҳо, низомҳо ва комплексҳо) мебошад.

Тақризидиҳанда:
доктори илмҳои иқтисодӣ, и.в. профессори
кафедраи молия ва қарзи ДДҲБСТ Шокиров Р.С.

Имзои д.и.и. Шокиров Р.С.-ро ро тасдиқ менамоям.

Сардори Раёсати кадрҳо ва корҳои махсуси ДДҲБСТ
Мирпочоев И.Х. ____________

735700, Чумҳурии Точикистон, ш. Хучанд,
17 микроноҳия, хонаи 1
Тел: (83422) 23811; (+992) 7495275
Факс: (83422) 25170
E-mail: info@tsulbp.tj